Ба Шурои диссертатсионии 6Б.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод карда шудааст**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёт ташаккул ва рушди соҳибкории экологӣ аҳамияти хоса дорад, ки дар форуму конференсияҳои гуногуни байналмилалӣ бахшида ба мушкилоти экология ва ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи сиёсати экологӣ борҳо таъкид шудааст. Яке аз самтҳои муҳими рушди устувори хоҷагии халқ ва ташаккули иқтисоди “сабз” ҷорӣ намудани технологияҳои муосири аз ҷиҳати экологӣ тоза ва дар заминаи онҳо ташаккул ва рушди соҳибкории экологӣ ба шумор меравад.

Инчунин, дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз ҷорӣ” намудани меъёрҳои байналхалқии идоракунии сифати маҳсулот, идоракунии раванди экологии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор нақши ниҳоят муҳимро иҷро менамоянд.

Бо дарназардошти ин, сиёсати ҷорӣ дар соҳаи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва баланд бардоштани сифати онро дар асоси татбиқи пайвастаи таҷдиди сохтории иқтисодиёт, баланд бардоштани сатҳи технологии истеҳсолот, аз ҷумла сарфаи захираҳо ва истифодаи технологияҳои муосири бепартов, инчунин аз нав кор фармудани партовҳо ба шумор меравад, ки бо ин васила рушди идоракунии соҳибкории экологӣ ҳамчун омили татбиққунандаи принсиҳои иқтисоди “сабз” тамин карда мешавад. Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки соҳибкории экологӣ кафолати рушди мунтазами раванди истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд, зеро яке аз ҳадафҳои асосии ташаккули иқтисоди “сабз” ин истеҳсолоти “сабз” ба шумор меравад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, қайд намудан зарур аст, ки зарурати такмили идоракунии соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” муҳиммияти тадқиқоти илмии М. Н. Досиевро ифода мекунад.

Тадқиқотҳои як қатор олимони ватанию хориҷӣ, барномаҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” барои солҳои 2023-2037 , маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро ташкил намудаанд.

Муаллифи автореферат дуруст иброз намудааст, ки рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» унсури ҷудонашавандаи ҳаракати ҷаҳонӣ ба сӯйи рушди устувор мебошад, алахусус дар вазъияти босуръат тағйир ёфтани иқлим ва афзоиши таъсири инсон ба муҳити зист. Инчунин, ақидаҳои муаллиф дарҷ гардидаанд, ки ҳамгироии принсипҳои соҳибкории экологӣ ба низоми иқтисодии ҷумҳурӣ барои баланд бардоштани самаранокии энергия, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, беҳтар намудани идоракунии партовҳо ва ҳифзи гуногунии биологӣ имкониятҳои нав мекушояд. Ин тадбирҳо на танҳо ба ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунанд, балки барои рушди иқтисодӣ, тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд, боиси дастгиранд, (саҳ. 4)

Аз мазмуни автореферати Досиев М. Н. маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснoккунии назариявии олимон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ васеъ истифода шуда, натиҷаҳои илмӣ ба масъалаҳои асосии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” бахшида шудаанд.

Муаллифи автореферат Досиев М. Н. бо мақсади ноил шудан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули системавию сохторӣ, сабабӣ, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, таносуби хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ, арзёбии мунтазами миқдорӣ ва ҳамаҷониба, инчунин усули коррелятсионӣ-регрессионӣ ва SWOT-таҳлил-ро истифода намуданд. Истифодаи усулҳои мазкур илман асоснок намудани асосҳои назариявӣ ва амалии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” ва хулосаю пешниҳодҳоро таъмин намуданд.

Аз нигоҳи муаллиф “иқтисоди сабз” модели рушди иқтисодие мебошад, ки муносибати масъулиятноки инсонро ҷиҳати истифодаи захираҳои табиӣ дар назар дошта, ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар заминаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаи молу хизматрасонӣ ташаккул ёфта, дар он рушди иқтисодӣ дар робита бо суботи иҷтимоӣ ва мувозинати экологӣ таъмин карда мешавад. (саҳ. 15)

Дар робита ба ин муаллифи автореферат хусусиятҳои муҳими “иқтисоди сабз”-ро дар шароити муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ хеле хуб дарҷ намудааст (расми 1, саҳ. 16).

Инчунин, дар автореферати диссертатсия қайд гардидааст, ки мафҳумҳои «соҳибкори экологӣ», «соҳибкории сабз» ва «эко-соҳибкорӣ» бори нахуст дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ҷорӣ шуда буданд, вале таҳқиқи ин намуди соҳибкорӣ дар охири солҳои 90-ум – ибтидои солҳои 2000-ум инкишоф ёфтааст. Бо мақсади равшанӣ андохтан ба моҳияту мазмуни соҳибкории экологӣ муаллиф нуқтаҳои назари олимони гуногунро дар ин самт таҳлил ва гурӯҳбандӣ намудааст (ҷадвали 1, саҳ. 17).

Новобаста аз дастовардҳои зикргардида, автореферати тақризшаванда дорои баъзе нуқсону камбудиҳо мебошад, ба монанди:

1. Дар автореферат оид ба таҷрибаи байналхалқии идоракунии соҳибкории экологӣ ва ташаккули иқтисоди "сабз" маводи бештар мешуд, он гоҳ дараҷа ва қиммати таҳқиқот баландтар мегардид.
2. Инчунин, дар автореферат хусусиятҳои хоси соҳибкории экологӣ дар шакли расм моҳирона пешниҳод гардидаанд, вале хуб мешуд, агар ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ шарҳ дода мешуд.

Вале бояд зикр намуд, ки дар маҷмуъ камбудиҳои мазкур на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши назариявию методологӣ ва илмию амалии таҳқиқотро паст намекунанд.

Ҳамин тавр, сохтори автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи назарияи иқтисоди**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишкадаи**
**иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд** **Азимов А. Ҷ.**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169
Телефон +992 (3422) 6-03-21
E-mail: info@iet.tj

Имзои д.и.и., профессор Азимов А.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ
дар шаҳри Хуҷанд Маҳмудов Ш.У.